## ТАҚРИЗ

**ба автореферати рисолаи Нарзуллоев Ҳайбуло Саъдуллоевич дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)**

Оид ба масъалаи ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон як қатор таҳқиқоти илмӣ гузаронида шудаанд, ки имконияти гузоштани заминаҳои илмии асоснокшударо барои муайян намудани шароит дар заминаи муассисаҳои таълимӣ медиҳад.

Барои ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон бояд чунон низоми ақидаю муносибатҳо ташкил карда шаванд, ки қоидаю пиринсипҳои асосии он барои ҳамаи зинаҳои таҳсилот якхела бошад ва муттасил дар тарбияи насли наврас тарбияи шаҳрвандиро таъмин намояд. Аз ир рӯ, гуногунии онро барои ҳамаи типу намудҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ нигоҳ доштан муҳим аст. Имрӯз ҳам дар кори мактабу маориф ба ин масъала эътибори хоса дода мешавад. Мавқеи он дар байни соҳаҳои дигари тарбия торафт маҳкамтару устувортар мешавад, чунки тақозои давраи гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ чунин аст.

Дар рисолаи пешниҳодшуда андешаҳо оид ба масоили назариявӣ ва методологӣ, баррасӣ ва муқоисаи вазъияту мушкилоти ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ баён шудааст.

Асоси таҳқиқоти унвонҷӯйро баррасии озмоишҳои илмию равоншиносии олимони ватанию хориҷӣ оид ба ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ ташкил додааст. Ҳалли масъалаи мазкурро унвонҷӯй дар натиҷаи корҳои илмии назариявӣ ва амалӣ оид ба мавзуи мазкур дар муқаддима, ду боб ва ҷамъбасти он нишон додаст.

Муҳаққиқ қайд менамояд, ки шаҳрвандӣ категорияи ахлоқие маҳсуб меёбад, ки аз сифатҳои фардию шаҳрвандии шахс ҷудонопазир аст. Дар дараҷаи шахсият хусусиятҳои муҳимми устувори инсон зоҳир мегарданд, ки дар ҷаҳонбинӣ, идеалҳои ахлоқӣ ва меъёрҳои рафтор ифода меёбанд. Дараҷаи баланди шаҳрвандиро шуури ҷамъиятӣ ташкил менамояд, ки дар авзою ҳиссиёт, баҳодиҳӣ ва дар муносибат ба халқи

худ, тарзи зиндагӣ, таърих, фарҳанги ӯ, ба давлат ва системаи арзишҳои асосӣ зоҳир мегардад.

Дар муқаддимаи кор муҳимияти мавзуъ, мақсади таҳқиқот, макон, фарзия, вазифаҳои дар назди худ гузошта, кушодани усулҳои таҳқиқ, истифодаи навгониҳои илмӣ, моҳияти назариявӣ ва амалии кор, ки асоси диссертатсияро муайян мекунад, зарурияти амалӣ кардани онҳоро дар таҷриба ифода мекунад.

Дар боби якум - «Таҳқиқи масъалаҳои педагогӣ-назариявии таҳқиқи тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ» - ҷанбаҳои назариявии таҳқиқи тарбияи шаҳрвандии хонандагон дар илми педагогика таҳқиқ карда шудааст. Дар боби мазкур масъалаҳои мазмуни тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ, ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Қайд мегардад, ки анъанаҳои таърихию фарҳангии халқи тоҷик, имкониятҳои рушди шахсияти онҳо тавъам бо арзишҳои умумибашарӣ сарчашмаи абадие ба шумор меравaнд, ки тамоюлҳои асосии корҳои таълиму тарбияро дар муассисаҳои таҳсилоти миёна муайян менамоянд ва чунин ташаббусҳои бисёр муҳимеро ба мисли кишваршиносӣ, таҷдиди ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ва ҳифзи онҳо ба амал меоранд, барои рушди осори бадеӣ ва ҳунарҳои мардумӣ мусоидат мекунанд.

Вазифаи ҳар як омӯзгор дар соҳаи тарбияи ахлоқӣ, табдил додани талаботҳои зарурии ҷомеа ба манфиати дохилии ҳар як хонанда мебошад. Дар назди маорифи халқ вазифаҳои бисёр ҳам ҷиддие гузошта шудааст, ки яке аз онҳо эҳёи маориф ва мактабҳои миллӣ мебошад. Дар асл, шарти зарурии рушди мактабҳо худшиносии миллӣ буда, мактаб дар ҷомеаи мо набояд аз пояҳои миллӣ, таърих ва забони модарӣ дур бошад.

Муаллиф қайд мекунад, ки тарбияи шаҳрвандӣ дар худ ҳамаи зинаҳои корҳои тарбиявӣ, оғоз аз оила, муассисоти таълимӣ, меҳнатӣ, коллективҳои низомӣ ва ғайра то мақомоти олии давлатиро фаро мегирад. Он ташкили чорабинҳо доир ба тарбияи шаҳрвандиро ҳам дар сатҳи давлатӣ ва ҳам дар сатҳи минтақавӣ, дар сатҳи коллективҳои ҷудогона ва ҳам гузарондани корҳои тарбиявии инфиродӣ бо хонандагони ҷудогонаро талаб менамояд.

Ба андешаи муаллиф барои тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ истифодаи бозиҳо хеле муҳим мебошанд. Чунин

бозиҳое фоидабахшанд, ки дар онҳо ашёи аз ҷиҳати шакл монанд, вале аз ҷиҳати ҳаҷм мутафовит ба кор бурда мешаванд, инчунин бозиҳо бо интихоби ашёи дорои ранги интихобшуда ҳам дар ин кор фоидабахш дониста мешаванд. Бозӣ бахши табиии тарбияи шаҳрвандии хонандагон дар оила тавассути худомӯзӣ, асоси ҳиссиёти фараҳбахш бо шумор мервад, ки нерӯи бузурги тарбиявӣ дорад. Маҳз барои ҳамин дар кори худ мо ҳама вакт бозиҳо, ҳам бозиҳои таълимӣ ва ҳам бозиҳои мардумиро, ба кор мебарем.

Инчунин муаллиф дар ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон нақши оила, ҳунарҳои мардумӣ, телевизион, рӯзномаю ва маҷаллаҳо, адабиёти бадеӣ, интернет, дарсҳои устоди коршиносон (мастер - класс), расму оин ва анъанаҳои миллиро пояи фазои ахлоқӣ – маънавӣ мешуморад.

Дар боби дуюм – «Модели педагогии тарбияи шаҳрвандии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути худомӯзӣ» - модели тарбияи шаҳрвандӣ тавассути худомӯзӣ муайян карда шудааст. Ҳамзамон дар боби мазкур масъалаҳои модели тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ, ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ дар оила, самарабахшии мундариҷа ва модели тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ баррасӣ гардидааст.

Худомӯзӣ фаъолияти мустақилонаи огоҳона ва мунтазами инсон аз болои худ ба мақсади ташаккули хусусиятҳои зарурии шахсӣ ва касбӣ, тарбияи сифатҳои баланди маънавӣ, дарёфти камолоти ҷисмонӣ, таҳким бахшидани қобилияту малакаҳои касбӣ, аз худ кардани малакаи идора намудани раванди худтакмилдиҳӣ дар асоси таҷрибаи худ ба шумор меравад.

Муаллиф диққати асосиро ба корҳои илмию таҳқиқотии олимони кишвар ва хориҷи он оид ба масъалаи мазкур равона карда, қайд кардааст, ки ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон ҳамчун унсури тарбияи иҷтимоӣ дар раванди таълиму тарбия ва мутобиқшавии хонандагон ба ҳаёти иҷтимоӣ дар чаҳорчӯбаи ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон хусусиятҳои хоси худро дорад.

Бояд қайд кард, ки мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо соҳаи зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пурра мувофиқат мекунад.

Барои боз ҳам беҳтар гардидани мазмуну муҳтавои кори диссертатсионӣ баъзе тавсияҳои хешро пешниҳод менамоям:

1. Хуб мешуд, агар унвонҷӯ ба таҳқиқоти олимони ватанӣ бештар таваҷҷуҳ менамуд.

2. Дар автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ, грамматикӣ ва техникӣ мушоҳида мегарадад.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Нарзуллоев Ҳайбуло Саъдуллоевич дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ» ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

**Муқарриз:**
Доктори илмҳои педагогӣ,
профессор, мудири кафедраи забони русии
Донишгоҳи давлатии тиббии
Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино Юлдошев У.Р.

21.08.2024

**Суроға:** ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 139, Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино. Тел: 985296478.
E-mail: umarjon1958@mail.ru

Имзои У.Р. Юлдошевро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати рушди кадрии
Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон
ба номи Абуалӣ ибни Сино Сафаров Б.И.